«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
____________________
«6» 04 соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Бобомуродов Пайрав Хайриевич ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад: қисмҳои 1.19. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ. 1.23. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо. 1.24. Вижагии ташаккули ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар соҳаҳо, минтақаҳо ва дигар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ. 1.29. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи бахшҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ. 1.32. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат).

## Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун воҳидҳои асосии истеҳсолӣ дар деҳот фаъолияти худро дар шароити иқтисоди бозорӣ пеш мебаранд, ки дар он идоракунии дурусти захираҳои молиявӣ ва моддӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои мазкур ҳамчун воситаи муҳими ҷамъоварӣ, сабт ва таҳлили маълумоти иқтисодӣ баромад мекунад. Тавассути он фермерон метавонанд вазъи воқеии молиявии худро муайян намоянд, хароҷот ва даромадро назорат кунанд ва самаранокии фаъолияти истеҳсолиро баланд бардоранд. Ҳисоботи молиявӣ бошад, натиҷаи ниҳоии баҳисобгирӣ буда, барои арзёбии фаъолияти хоҷагӣ, муайян намудани фоида ё зарар ва қабули қарорҳои идоракунӣ хизмат мекунад.

Таъмини пуррагӣ ва шаффофияти сабтҳои баҳисобгирии муҳосибию иттилооти ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз

мукаммалии низоми ҳисобдории онҳо вобаста мебошад. Ҳисоботи молиявӣ бояд натиҷаҳои воқеии фаъолияти хоҷагиро инъикос намуда, дар бораи дороиҳо, уҳдадориҳо, даромад ва хароҷот маълумоти мукаммал пешниҳод намояд. Ин ба роҳбарият имкон медиҳад, ки вазъи молиявиро дуруст арзёбӣ карда, самтҳои афзалиятноки рушдро муайян намояд. Моҳияти такмили низоми ҳисобдорӣ ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои муҳосибӣ вобаста аст.

Истифодаи абзорҳои рақамӣ на танҳо раванди ҳисобгириро осон мекунад, инчунин дақиқӣ ва суръати коркарди маълумотро баланд менамояд. Ҳолати пешомада ба кам шудани хатоиҳо ва баланд шудани самаранокии идоракунӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи мутахассисони соҳа қисми ҷудонашавандаи ин раванд мебошад. Вобаста ба ин, барои муҳосибон ва роҳбарони хоҷагиҳо зарурат пеш меояд, ки аз қоидаҳои муосири ҳисобдорӣ ва таҳлили молиявӣ огоҳ бошанд, то тавонанд иттилооти мавҷударо самаранок истифода баранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда натиҷаҳои баландарзиши илмӣ ба даст оварда шудаанд, ки қисматҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд, аз ҷумла:

1.Муайян карда шудааст, ки фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҳама гуна низоми иқтисодӣ, аз ҷумла дар шароити иқтисоди бозорӣ, аҳамияти муҳим дорад. Накши назарраси онҳо дар таъмин ва ғанӣ гардонидани бозорҳои озуқавории кишвар равшан гардида, зарурати дастгирии давлатии чунин хоҷагиҳо ҳамчун масъалаи муҳим эътироф шудааст, ҳамзамон исбот гардидааст, ки низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун ҷузъи асосии идоракунии самараноки хоҷагиҳои деҳқонӣ баромад мекунад. Зарурати мавҷудияти хадамоти махсуси ҳисобдорӣ, ки ба хусусиятҳои ин соҳа мутобиқ аст, низ таъкид шудааст, муҳимияти истифодаи шакл ва усулҳои самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ асоснок гардида, нишон дода шудааст, ки барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъектҳои мустақили бахши аграрии иқтисоди миллӣ бояд асосҳои ташкил, пешбурд ва ҷамъбасти баҳисобгирӣ дақиқ муайян карда шаванд, зарур шуморида шудааast, ки дар фаъолияти онҳо технологияҳои муосири рақамӣ васеъ истифода гарданд.

2.Асосҳои консептуалии омода ва таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавриди таҳлил қарор гирифта, аҳамияти онҳо равшан карда шуда, бо дарназардошти андоза ва хусусиятҳои фаъолияти чунин хоҷагиҳо, истифодаи методикаи мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ барои объектҳои гуногун муҳим арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон зарурати татбиқи муқаррароти алоҳидаи «Дастурамали пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи муҳосибӣ» барои хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян карда шуд. Равишҳои

методии ташкил ва пешбурди корҳои ҳисобдорӣ дар ин гуна хоҷагиҳо мушаххас гардида, мутобиқсозии онҳо ба меъёрҳои консептуалии низоми амалкунандаи ҳисобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ карда шудааст. Моҳияти ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз нигоҳи рушди иқтидори иқтисодии онҳо асоснок гардида, дар асоси талаботи СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» дороиҳои биологӣ ва мафҳумҳои асосии онҳо гурӯҳбандӣ шудааст ва тартиби баҳодиҳии онҳо тавсиф карда шудааст. Ҳамчунин зарурати ташкили низоми самараноки назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ таъкид гардида, барнома ва методикаи амалисозии чунин низом таҳия карда шуданд.

3.Дар натиҷаи таҳлили вазъи баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ватанӣ муайян гардид, ки низоми баҳисобгирӣ дар онҳо гуногун буда, дар аксари ҳолатҳо фаъолияти он ба талаботи зарурӣ ҷавобгӯ нест. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф таҷрибаи ташкили корҳои ҳисобдорӣ дар хоҷагии деҳқонии (фермерӣ)-и «Масчоҳ» ҳамчун намунаи нисбатан мукаммал арзёбӣ гардида, барои истифода дар дигар хоҷагиҳои деҳқонии водии Зарафшон тавсия дода шуд. Дар баробари ин, аз ҷониби муаллифи диссертатсия як қатор мушкилоти марбут ба хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ошкор карда шуданд. Пеш аз ҳама, истифодаи нокифояи воситаҳои нигоҳдории маълумоти муҳосибӣ, ташкили корҳои ҳисобдорӣ дар шароити номувофиқ ва ба таври пурра истифода нагардидани имкониятҳои технологияҳои рақамӣ аз ҷониби қисми зиёди хоҷагиҳо.

4.Муайян карда шудаст, ки такмил додани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пеш аз ҳама ба дуруст ташкил намудани коркард ва истифодаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва сабтҳои муҳосибӣ вобастагӣ дорад. Бо мақсади беҳтар намудани методикаи баҳисобгирӣ, як қатор амсилаҳои муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия ва пешниҳод гардиданд, аз ҷумла:
а) амсилаи умумии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ;
б) амсилаи пешбурди баҳисобгирӣ дар шароити рақамикунонӣ;
в) амсилаи ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки ӯ масъалаҳои марбут ба омӯзиш, таҳлил, ҷамъбаст ва ба низомдарории маълумотро баррасӣ намуда, равишҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) такмил додааст. Ҳамчунин, унсурҳои асосии методикаи ҳисобдории ин

хоҷагиҳо аз ҷониби муаллиф дақиқ ва пурра гардонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот мавқеи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди иқтисоди миллӣ муайян гардида, шаклу усулҳои мувофиқи баҳисобгирии муҳосибӣ барои онҳо асоснок карда шудаанд. Илова бар ин, хусусиятҳои хоси баҳисобгирии муҳосибӣ дар чунин хоҷагиҳо мушаххас гардида, бо мақсади такмил ва рушди минбаъдаи методикаи баҳисобгирӣ пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима иборат буда, 193 саҳифаи матни чопиро дар бар мегирад ва аз 25 ҷадвал, 18 расм, 3 диаграмма иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия (саҳ. 4-13) асоснокии аҳаммияти мавзуи таҳқиқот оварда шуда, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян гардидааст, тавсифи асосии заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот оид ба мавзуи таҳқиқот, инчунин, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ҷой дода шудаанд.

Боби 1-уми таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаро мегирад (саҳ. 14-61). Дар ин қисмати таҳқиқот нақш ва аҳаммияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди иқтисоди миллӣ (саҳ. 14-28), асосҳои назариявию меъёрии шакл ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (саҳ. 29-43) ва заминаҳои консептуалии таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (саҳ. 44-61) омӯхта шудааст.

Зербоби 1.1 (саҳ. 14-28) ба таҳқиқи нақш ва аҳаммияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст. Дар ин зербоб мавқеи илмии мутафаккирони классик ва муллифони ватанию хориҷии муосир омӯхта шудааст. Монеаҳои асосии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардидааст (расми 1.1, саҳ. 16). Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки вижагиҳои хоси хоҷагиҳои деҳқониро ҳамчун субъектҳои бахши кишоварзӣ муайян ва ошкор созад. Дар ин қисмати таҳқиқот оид ба ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маълумоти таҳлилӣ оварда шудааст (саҳ. 19). Дар саҳифаи 23 аз ҷониби муаллиф тавсифномаи деҳқон – соҳибкор таҳия гардидааст, ки он хусусиятҳои сифатии деҳқон – соҳибкорро фаро мегирад. Аз мавқеи муайян намудани аҳаммияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ин зербоб сохтори маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти хоҷагиҳои деҳқонӣ, истеҳсоли маҳсулоти чорво дар

хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин ҳиссаи истеҳсоли хоҷагиҳои деҳқонӣ дар маҷмуи истеҳсоли тамоми бахшҳои хоҷагиҳои вилояти Суғд оид ба маҳсулоти чорво (саҳ.25-28).

Зербоби 1.2 (саҳ. 29-43) аз мавқеи назариявӣ ва қонунгузории соҳавӣ шакл ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ватанӣ ташкил медиҳад. Муаллиф дар ин зербоб бештар нуқтаи назари худро ба муқаррароти Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» асоснок кардааст. Аз ҷониби муҳаққиқ низоми муносиби коркарди иттилооти ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия шудааст (саҳ. 31). Ҳамчунин мавқеи илмии иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ва баъзе равишҳои методологии баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ дида баромада шудааст (саҳ.32-37). Муаллиф тавонистааст дар ин зербоб дар баробари ҳуҷҷатҳои ҷойдоштаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, як қатор сабткунакҳоро рӯйи кор орад (38-39) ва нақшаи ташкили баҳисобгирии муҳосибии шакли содакардашударо дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ коркард кунад.

Зербоби 1.3 (саҳ. 44-61) ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба заминаҳои консептуалии таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)- и ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин зербоб хусусиятҳои иттилооти низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (саҳ. 47), ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунанда оид ба тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ (саҳ.48-49), ҷузъиёти консептуалии тавсияшаванда (саҳ. 54) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби 2-юми диссертатсия ба ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бахшида шудааст (саҳ.62-111). Маводи дар ин боби таҳқиқот омӯхташуда методологияи баҳисобгирӣ ва низоми назорати дохилиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (саҳ. 62-78), баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (саҳ. 79-92) ва ҳолати муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин пешниҳоди ҳисоботи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар бар мегирад (саҳ. 93-111).

Зербоби 2.1 таҳқиқи равишҳои методологӣ ва низоми назорати дохилиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар назар дорад (62-78). Муаллиф оид ба сохтори воситаҳои истеҳсолот ва ҳиссаи онҳо дар соҳаи зироаткорӣ ва чорводорӣ (саҳ. 63-64) маълумоти рақамиро дар шакли ҷадвал таҳия кардааст. Баъзе равишҳои методӣ оид ба ташкил ва пешбарди коорҳои ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ оварда шудааст (саҳ.66-68). Ҳамчунин дар ин зербоб маълумоти омории мутлақ ва нисбӣ мавриди таҳлилу муқоисакунӣ қарор дода шудааст, аз ҷумла: маълумоти таҳлилӣ оид ба динамикаи шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, саршумори чорвои маҳсулнок, ҳиссаи саршумори чорвои маҳсулноки хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷамъи саршумори чорвои маҳсулноки тамоми бахшҳои хоҷагиҳои вилоят (саҳ. 70-73). Аз ҷониби муаллиф барномаи низоми назорати дохилӣ дар

хоҷагиҳои деҳқонӣ (саҳ. 74, расми 2.1) ва методикаи амалкарди низоми назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (саҳ. 75, расми 2.2) коркард гардидааст.

Зербоби 2.2 (саҳ. 79-92) методикаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқониро дар асоси таҷрибаи пешрафти байналмилалӣ фаро мегирад. Асосҳои методологии низоми ҳисобдории ин зербобро СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ», СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ», СБҲМ (IAS) 2 «Захираҳо», СБҲМ (IFRS) 16 «Иҷора»; СБҲМ (IAS) 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ» ташкил медиҳанд. Муаллиф дороиҳои биологии хоҷагиҳои деҳқониро дар ҷадвали 2.5 (саҳ. 81) ва фаҳмишҳои асосии СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ»-ро дар саҳифаи 84 (ҷадвали 2.6) ба низоми муайян даровардааст. Ҳамчунин дар ин зербоб ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия гардида (саҳ. 88), тартиби инъикоскунии дороиҳои биологии барҳамдодашуда ва фурӯхташуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷадвали 2.7 (саҳ. 90) оварда шудааст.

Дар зербоби 2.3 ҳолати кунунии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар ин зербоб оид ба амалкарди низоми баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Суғд аз қабили “Артуч”, “Сӯфиён”, “Чимтарға”, “Сарвода”, “Масчоҳ”, “Сафедобод”, “Навобод”, “Марғедар”, “Дашти малла”, “Ҳайдаров А” маълумоти зарурӣ оварда шуда, таҳлилу баҳодиҳӣ карда шудааст. Муаллиф тавонистааст дар матни ин зербоб шаклҳои тавсияшавандаи ҳисоботро таҳия намояд. Ҳисоботи ҳармоҳа, шакли ХД-1 «Музди меҳнат», Ҳисоботи семоҳа, шакли ХД-2 «Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои молиявию хоҷагидории хоҷагиҳои деҳқонӣ», Ҳисоботи 9-моҳа, шакли ХД-3 «Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои молиявию хоҷагидории хоҷагиҳои деҳқонӣ», Ҳисоботи солона, шакли ХД-4 «Ҳисобот дар бораи дороиҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ» (саҳ. 107-108).

Боби 3-юми диссертатсия такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) унвон гирифтааст (саҳ.112-165). Дар ин қисмати таҳқиқот танзими давлатии фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дида баромада шудааст (саҳ. 112-127). Шароиту имкониятҳои рушди методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) муайян ва ошкор гардидаанд (саҳ. 128-143) ва равишҳои такмили ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ дар онҳо муайян ва ошкор карда шудаанд (саҳ. 144-164).

Дар зербоби 3.1 механизми танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шакли ҷадвал таҳия гардидааст (саҳ. 113) ва шароиту имкониятҳои дурнамои рушди хоҷагиҳои деҳқонии кишвар ошкор гардидаанд (саҳ. 114). Дар расми 3.2 (саҳ. 116) варианти тавсиявии танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мавқеи дастгирии молиявӣ бунёд гардидааст. Дар матни ин қисмати таҳқиқот муқаррароти Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи ҳимоя ва

дастгирии давлатии соҳибкорӣ», меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Зербоби 3.2. (саҳ.128-143) рушди методикаи баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар назар дошта, дар ин қисмати таҳқиқот технологияҳои рақамии пешбурди корҳои ҳисобдорӣ, ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии дар хоҷагиҳои мазкур истифодашаванда (саҳ. 130-131), ведомости баҳисобгирии маҳсулоти тайёр, иҷроиши корҳо, хизматҳои расонидашуда (саҳ. 133), варақаи баҳисобгирии амалиёт оид ба хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат дар саҳ.134 пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин самтҳои бартаридоштаи рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (расми 3.3, саҳ. 136), амсилаи умумии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (ҷадвали 3.4, саҳ. 138), амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити рақамикунонӣ (саҳ. 140), амсилаи ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосёфтаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисобот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (саҳ. 142) коркард шудаанд.

Зербоби 3.3 такмили ҷараёни баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз тариқи коркарди марҳилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, варақаи баҳисобгирии дороиҳои ҷорӣ (шакли №1-ХД), таҳияи рафти баҳисобгирии воситаҳои пулии накдӣ ва ғайринакдӣ, китоби баҳисобгирии молу маҳсулот (шакли № 2-ХД), варақаи баҳисобгирии чорво (шакли № 3-ХД), варақаи баҳисобгирии паранда (шакли № 4-ХД), китоби баҳисобгирии амвол (майдони замин) (шакли № 5-ХД), китоби баҳисобгирии амвол (натиҷаи истифодабарии замин) (шакли № 6-ХД), инчунин бунёди дигар механизмҳо, сабткунакҳо ва ҳуҷҷатҳои ибтидоиро дар назар дорад.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо саҳеҳияти маълумот, ҳаҷми кофии маводи омӯхташуда, тартиби дурусти ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили онҳо, инчунин роҳҳои такмили низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) асоснок гардидааст. Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳо тавассути нашри қисмҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ, аз ҷумла нашрияҳои тақризшаванда, аз ҷониби муаллиф тасдиқ шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар пояи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ таҳия гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Умуман, диссертатсия аз лиҳози сохтор, мазмун ва пайдарпаии мантиқӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқ мебошад. Дар он масъалаҳои методология ва амалияи такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба таври пайваста ва мантиқӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ, асосҳои методологӣ ва ҳолати амалии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи

молиявиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавриди таҳлил қарор дода, дар ин замина хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххасро барои такмили он пешниҳод намудааст. Истифода ва татбиқи амалии ин пешниҳодҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомадаро тасдиқ менамояд. Ҳангоми баҳогузорӣ ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бояд зикр намуд, ки дар раванди таҳқиқот аз миқдори зиёди осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳисоботҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонии ватанӣ васеъ истифода бурда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Мазмуни назариявии ин таҳқиқот дар он ифода мееёбад, ки натиҷаҳо ва асосҳои пешниҳодшуда ба рушди минбаъдаи заминаҳои назариявии такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мусоидат мекунанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия метавонанд тавассути ворид намудани онҳо ба барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), барои такмили фаъолияти хизматрасонии ҳисобдорӣ истифода шаванд. Татбиқи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шароит фароҳам меорад, ки самаранокии фаъолияти ҳисобдорӣ дар чунин хоҷагиҳо баланд бардошта шавад.

**Аҳаммияти иқтисодии** натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи пешниҳодҳои муаллиф имконият медиҳад, ки маълумоти молиявӣ дақиқ ва саривақтӣ ҷамъоварӣ ва пешниҳод гардад. Ин, дар навбати худ, барои қабули қарорҳои дурусти идоракунӣ, банақшагирии хароҷот ва даромад, инчунин назорати самараноки истифодаи захираҳо замина фароҳам меорад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳисоботи молиявии боэътимод шаффофияти фаъолияти хоҷагиҳоро таъмин намуда, эътимоди сармоягузорон, ташкилотҳои қарзӣ ва шарикони иқтисодиро баланд мебардорад. Дар натиҷа, дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ, аз ҷумла қарзҳо ва сармоягузорӣ, осон мегардад. Ҳамзамон, такмили баҳисобгирии муҳосибӣ барои кам кардани хароҷоти изофӣ, ошкор намудани захираҳои дохилии рушд ва баланд бардоштани даромаднокии хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

**Аҳамияти иҷтимоии** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иҷтимоии деҳот зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, ташкили низоми самараноки баҳисобгирии

муҳосибӣ ба устувории молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат намуда, дар натиҷа барои нигоҳдорӣ ва афзоиши ҷойҳои корӣ дар деҳот шароит фароҳам меорад. Ин ҳолат ба коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ таъсири мусбат мерасонад. Ҳамзамон, шаффофият ва дақиқии ҳисоботи молиявӣ ба беҳтар гардидани идоракунии хоҷагиҳо оварда расонида, имконият медиҳад, ки музди меҳнати кормандон сари вақт ва одилона пардохт гардад. Ин омил ба баланд шудани ҳавасмандии меҳнат ва беҳбудии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, такмили низоми ҳисобдорӣ барои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, аз қабили маориф, тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ замина мегузорад, зеро хоҷагиҳои муваффақ метавонанд дар рушди ҷомеаи маҳаллӣ саҳми бештар гузоранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 24 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тоашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Бобомуродов Пайрав Хайриевич ҳамчун мутахассиси баландихтисос дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ шинохта шуда, қобилияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳои муҳими илмиро дар ин соҳа доро мебошад. Кори диссертатсионии ӯ ба самти тахассусии интихобнамудааш пурра мувофиқ аст. Мавзуъ, сохтор ва мазмуни таҳқиқоти анҷомдодашуда ба талаботи муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2.18 — «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит» мутобиқ буда, натиҷаҳои илмии бадастоварда ба меъёрҳои чунин корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошанд. Ҳангоми арзёбии довталаб ҳамчун муҳаққиқ, хислатҳои ӯ, аз ҷумла сатҳи баланди дониш, заҳматталабӣ, самаранокӣ, ҳисси баланди масъулият, малакаи хуби ташкил ва роҳандозии фаъолияти илмӣ, инчунин қобилияти қабули қарорҳои мустақил ва муайян намудани роҳҳои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои гузошташуда, махсус таъкид карда мешаванд.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1.Дар зербоби 1.1. зарурати истифодаи маълумоти оморӣ мавҷуд нест, ҳол он ки муаллифи диссертатсия маълумоти омории хоҷагиҳои деҳқониро мавриди таҳлил қарор додааст.

2.Дар расми 1.3. (саҳ. 31), низоми муносиби коркарди иттилооти ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ оварда шудааст. Лекин, муаллиф аз як тараф, муҳимияти истифодаи онро асоснок накардааст ва аз тарафи дигар, онро дар сатҳи лозимӣ шарҳ надодааст.

3.Дар матни зербобҳои боби якум расмҳои муаллифӣ кам ба чашм мерасад, ҳол он ки муаллиф бояд аз мавқеи назариявӣ – методӣ расмҳои муаллифӣ ва дорои унсурҳои сершуморо таҳия менамуд.

4.Ҷадвали 2.1 ва 2.2 танҳо маълумоти соли 2024- ро дар бар мегирад. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар маълумоти рақамии ҷадвалҳои мазкур

чун дигар ҷадвалу диаграммаҳо, иттилооти солҳои 2018 – 2024 – ро дар бар мегирифт.

5.Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот баланд мегардид, агар муаллифи диссертатсия аз амсилаҳо ва механизму алгоритмҳои таҳиякардашуда хулосабарориҳои амиқ анҷом медод.

6.Дар зербоби 3.3 шумораи расмҳо ва ҷадвалҳо зиёд буда, ҳаҷми матни он кам ба назар мерасад. Бинобар ин, таҳқиқот бурд мекард, агар муаллиф шумораи расму ҷадвалҳои ин қисмати диссертатсияро то андозае кам мекард ва ҳаҷми матнро зиёдтар менамуд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи **Бобомуродов Пайрав Хайриевич** ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккӯнӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва 24 мақолаҳои илмии ба нашр расондаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18. - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) гувоҳӣ медиҳад, ки

таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Бобомуродов Пайрав Хайриевич барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18-Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

Дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДМТ 12- нафар иштирок доштанд. Натичаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шуд. (протокол №9 аз 4 апрели соли 2026).

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Давлатзода М.Х.

**Эксперт:**
тақризро омода намуд, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабов Т.Б.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулзода Д.Т.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Давлатзода М.Х. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабов Т.Б. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулзода Д.Т.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992 372) 227-77-11
E-mail: info@uef.tnu.tj
www. tnu.tj